# Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор

Душанбе - 2018

ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА
ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734064, ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1
Тел: +992 37 235 97 68, Факс: +992 37 236 03 04
E-mail: mewr@mewr.gov.tj, Web: www.mewr.gov.tj

аз «08» 06 соли 2018 № 23

ба №____ аз «___» ________ соли 20__

# ФАРМОИШ

«Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ»
030.210.000.

Дар асоси қисми 2-и моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» аз 25 декабри соли 2015, № 1269 ва «Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, № 265 тасдиқ шудааст,

Фармоиш медиҳам:

1. «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур тибқи тартиби муқаррааргардида, барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Фармоиши Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ аз 8 феврали соли 2018, 59\бк «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар иншоотҳои гидротехникии таъиноти энергетикӣ ва хоҷагии об» аз эътибор соқит дониста шавад.
4. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Вазир - С. Раҳимзода вогузор карда шавад.

Вазир У. Усмонзода

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
29 06 2018

Омода намуд:

Сардори Шуъбаи ҳуқуқ Х. Рамазонзода

Мувофиқа карда шуд:

Муовини якуми Вазир С. Раҳимзода

Сардори Хадамот М. Замонзода

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
"29" 06 с.2018

**КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Шотемур 27. Тел: (+992-37) 221-86-59, 221-57-29, 221-89-43
Факс: (+992-37) 221-57-29; email: info@gki.tj, web: www.gki.tj

«04» 04 соли 2018 №4-48/1145

Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба №46/04
аз 27 марти соли 2018

Мавзӯъ: хулоса ба санади меъёрии ҳуқуқӣ

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ лоиҳаи "Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар иншоотҳои гидротехникии таъиноти энергетикӣ ва хоҷагии об"-ро такроран мавриди баррасӣ қарор дода, нисбати он таклифу эрод надорад.

Муовини Раис Нигина Анварӣ

ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ БЕХАТАРИИ ИНШООТҲОИ ГИДРОТЕХНИКӢ
СЛУЖБА ПО ГОСУДАРСТВЕННОМУ НАДЗОРУ В СФЕРЕ БЕЗОПАСНОСТИ ГИДРОТЕХНИЧЕСКИХ СООРУЖЕНИЙ
«05» 04 2018
№ 84

Бо фармоиши Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «_02_» __06__ соли 2018, №_23_ тасдиқ карда шудааст.

Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншооти гидротехникӣ

Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншооти гидротехникӣ, бо мақсади таъмин намудан ва расонидани кӯмакҳои амалӣ ба мутахассисон ҳангоми гузаронидани муоинаҳо дар иншоотҳои мазкур, таҳия карда шудааст. Дар ин қоидаҳо вазифаҳои асосӣ ва тартиби гузаронидани назорати тахассусӣ оиди иншоотҳои гидротехникии корхонаҳо оварда шуда, тавсияҳо оиди роҳҳои таҳлил ва тартиб додани натиҷаи санҷишҳои инспексионӣ дода шудааст.

## I.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳо маҷмуъ, тартиби гузаронидан ва тартиб додани натиҷаи муоинаи иншоотҳои гидротехникиро дар корхонаҳо ва муассисаҳои зериназоратии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ (минбаъд Хадамот) муайян менамояд.

Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншооти гидротехникӣ ва тартиби гузаронидани санҷиши (назорат)-и субъектҳои хоҷагидорро аз ҷониби Хадамот мутобиқи талабот дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии иншоотҳои гидротехникӣ, амнияти молу мулк, ҳифзи муҳити зист, фаъолияти бехатарии нерӯгоҳҳои барқи обӣ, пойгоҳҳои обкашӣ, инчунин таъмини аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ бо оби ошомиданӣ ва полезӣ равона гардидааст.

2. Санҷиши истифодабарии иншоотҳо бояд дар асоси талаботҳои амалкунандаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ба роҳ шавад.

Санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншооти гидротехникӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», Қоидаҳои мазкур, Низомномаи Хадамот ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ гузаронида мешавад.

Дар маҷмуи муоинаҳои ҳолати иншоотҳои гидротехникӣ инҳо дохил мешаванд:

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРАСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
«29» 06 с.2018

- санҷиши ҳолати техникии иншоотҳои гидротехникӣ (ИГТ) ва мувофиқатии шарту шароити истифодабарии онҳо бо талаботҳои дар лоиҳа пешбинишуда;

- санҷиши риояи дастурамалҳо, қоидаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки талаботҳои истифодабарии иншоотҳои гидротехникиро дар бар мегиранд;

- санҷиши иҷроиши санадҳо ва пешниҳодҳои қаблан додашуда, ки дар шакли хулосаҳои экспертӣ ва шартҳои литсензионӣ ифода шудаанд;

- назорати ташкил намудан ва гузаронидани таъмирҳои саривақтии нақшавӣ- пешгирикунанда ва асосӣ дар қисмҳои ИГТ.

3. Ҳангоми гузаронидани муоинаҳо бояд ба масъалаҳои таъмин намудани бехатарӣ ва истифода бурдани иншоотҳо диққати махсус дода шавад.

4. Ҳангоми зарурат барои муоина пажуҳишгоҳи лоиҳаи ИГТ-ро таҳрезинамуда ё муассисаи махсусе, ки иҷозати дахлдорро аз идораҳои давлатӣ барои гузаронидани экспертизаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ ҳуқуқ дорад, ҷалб карда мешаванд.

## II.ВАКОЛАТҲОИ ШАХСОНИ МАНСАБДОРИ ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ БЕХАТАРИИ ИНШООТҲОИ ГИДРОТЕХНИКӢ.

5. Ваколатҳои шахсони мансабдори Хадамот бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ, ки фаъолияти мақомоти санҷиширо ба танзим медароранд, муқаррар шудаанд.

6. Хадамот дар доираи фаъолияти худ ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд:

- назорати давлатиро дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ мутобиқи қонунгузории иншоотҳои гидротехникӣ анҷом медиҳад;

- дар доираи ваколатҳои худ дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин дар омода намудани пешниҳодот оид ба такмили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамояд;

- назорати давлатиро дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ оид ба риояи меъёрҳо ва қоидаҳо ҳангоми таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои таъмир ва сохтмони сарбандҳо, биноҳои нерӯгоҳҳои барқӣ обӣ, нақбҳои обгузар ва дигар иншоотҳои гидротехникӣ мегузаронад;

- гузаронидани корҳои тадқиқотӣ ва санҷиши гурӯҳҳои мушоҳидонро оид ба муайян намудани ҳолати иншоотҳои гидротехникӣ тибқи Дастур оид ба бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ дар нерӯгоҳҳо ва обанборҳо назорат менамояд;

- дар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ва барномаҳои минтақавӣ дар соҳаи таъмини бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ иштирок менамояд;

- дар бартарафсозии оқибатҳои садамаҳо дар иншоотҳои гидротехникӣ иштирок менамояд;

- аҳолиро аз таҳдиди садамаҳо дар иншоотҳои гидротехникӣ, ки боиси ба вуҷуд омадани ҳолати фавқулодда мегарданд, сари вақт огоҳ менамояд;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
«29» 06 с.2018

- дар ҳайати гурӯҳҳои корӣ оид ба муайян намудани андозаи таъмини молиявии масъулияти шаҳрвандӣ барои зарари расонидашуда дар натиҷаи садамаи иншоотҳои гидротехникӣ иштирок менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида бақайдгирӣ, ташкил ва пешбурди Феҳристи давлатии иншоотҳои гидротехникиро ба роҳ мемонад;

- чораҳои аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ андешидашавандаро оид ба пешгирии садамаҳо ва ҳодисаҳои осебёбӣ дар иншоотҳои гидротехникӣ назорат мебарад;

- дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдор тартиби гузаронидани техникӣ, сабабҳои сар задани садама, ҳодисаҳои нохуш ва воқеаҳоро муайян мекунад, чорабиниҳоро оид ба пешгирии онҳо таҳлил менамояд;

- якҷоя бо вазорату идораҳо ва ташкилоту корхонаҳо дар интихоби майдончаҳои сохтмонии иншоотҳои гидротехникӣ иштирок менамояд;

- тартиби дароз намудани мӯҳлати истифодаи дастгоҳҳои техникӣ, таҷҳизоти дар иншоотҳои гидротехникӣ истифодашавандаро муайян мекунад;

- назорати гузаронидани мониторинги иншоотҳои гидротехникӣ ва қитъаҳои хавфноки кӯҳиро бо истифода аз асбобҳои ченкунии ҳозиразамон, инчунин муҳандисию сейсмологӣ ба роҳ мемонад;

- назорати иҷрои корҳои геодезӣ ва геофилтратсиониро дар иншоотҳои гидротехникии нерӯгоҳҳои барқи обӣ таъмин менамояд;

- барои гирифтани маълумоти зарурии гидрологӣ ва метрологӣ оид ба дақиқ намудани сарфи об ва ҷараёни иловагии дарёҳо ба мақомоти дахлдор муроҷиат менамояд;

- корҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиеро, ки иншоотҳои гидротехникиро истифода мебаранд, назорат мебарад;

- дар доираи ваколатҳои худ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрию техникии марбут ба иншоотҳои гидротехникиро таҳия ва тасдиқ менамояд;

- тартиби барасмиятдарории эъломияи бехатарӣ ва номгӯи маълумоти ба он дохилшаванда, инчунин тартиби гузаронидани экспертизаи эъломияро таҳия ва пешниҳод менамояд;

- тартиби бозомӯзии касбӣ ва санҷиши дониши мутахассисон ва кормандони ташкилотҳои таҳти назоратиро оид ба бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ муайян ва назорат мекунад;

- намояндагони худро барои иштирок дар баистифодадиҳӣ ва қабули иншоотҳои гидротехникӣ таъин менамояд, дар кори комиссияҳо барои дар шароити истеҳсолӣ гузаронидани озмоиши дастгоҳҳои техникӣ ва таҷҳизоти дар ин иншоотҳо истифодашаванда иштирок менамояд;

- дастурамалҳои ба гурӯҳҳои дахлдор мансуб донистани иншоотҳои гидротехникиро аз рӯи аломатҳои муқарраршудаи хатарнокӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдор таҳия менамояд;

- ҳамкории байналмиллалиро дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияташ ба роҳ мемонад;

- масъалаҳои истифодабарии ҳудудҳои иншоотҳои гидротехникӣ, маҷрои дарёҳо ва қитъаҳои канори онҳоро дар поён ва болои сарбандҳо

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
«29» 06 с.2018

барои амаликунонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигар бо мақомоти дахлдор мувофиқа менамояд;

- мувофиқи тартиби муқаррargardida ҳар сол ҳангоми таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маблағгузории фаъолияти Хадамот ба мақомоти давлатии ваколатдор ҳуҷҷатҳои лозимаро пешниҳод менамояд;

- назорати гузаронидани чорабиниҳоро оид ба камкунии хатари ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодда дар иншоотҳои гидротехникӣ таъмин менамояд;

7. Хадамот бо мақсади татбиқи ваколатҳо дар соҳаи муқаррargardidai фаъолият ҳуқуқҳои зерин дорад:

- назорати давлатиро оид ба масъалаҳои таҳти ихтиёри Хадамот қарордошта амалӣ намояд. Бо ин мақсад шахсони мансабдори Хадамот ҳуқуқи ташрифи бемонеа ба ташкилоту корхонаҳо ва иншоотҳои зери назорат, аз ҷумла бо тартиби муқаррargardidai реҷавӣ, новобаста аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликияташон, бо нишон додани шаҳодатномаи хизматӣ доранд;

- аз мақомоти дахлдор, ташкилотҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳолати бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ, садамаҳо ва осебёбӣдар истеҳсолот, ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумоти мансуб ба салоҳияти Хадамотро талаб менамояд;

- мувофиқи тартиби муқаррargardida санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, меъёрии техникӣ ва ҳуҷҷатҳои методиро, ки иҷрои онҳо барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист, инчунин иттилооти техникиро оид ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияташ дар мувофиқа бо Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намояд;

- барои гирифтани хулоса, мувофиқасозии ҳуҷҷатҳо ва дигар хизматҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мувофиқи тартиби муқаррargardida кӯмаки амалӣ расонад;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати риоя накардани қоидаҳо, меъёрҳо ва дастурамалҳо ҳангоми таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои иншоотҳои гидротехникӣ чораҳо андешида, барои бартараф намудани вайронкунии талаботи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ ва боздоштани корҳои бо вайронкунии ин талабот анҷомдодашуда амрнома диҳад;

- мувофиқи тартиби муқаррargardida санҷиши интихобии дониши мутахассисон, кормандони муҳандисию техникӣ ва коргаронро оид ба омӯзиши қонунгузорӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ дар иншоотҳои гидротехникӣ, қоидаҳо, меъёрҳои бехатарии корҳо, дастури технологӣ ва дастурамалҳо гузаронад;

- дар санҷиши дониши мутахассисони навтаъиншудаи ташкилоту корхонаҳои таҳти назорат ҷиҳати омӯзиши қонунгузорӣ оид ба бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ, қоида ва меъёрҳои бехатарии корҳо иштирок намояд;

- мувофиқи тартиби муқаррargardida ба мақомоту идораҳои дахлдор дар хусуси танбеҳ додан ё аз вазифаи ишғолкарда озод намудани шахсоне, ки қоидаю меъёрҳои бехатарона гузаронидани корҳоро риоя

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
"29" 06 с.2018

намекунанд, ба истифодаи таҷҳизот ва иншооти манъмамудаи мақомоти Хадамот худсарона идома медиҳанд, аз санҷиши дониши меъёрҳои бехатарӣ нагузаштаанд, пешниҳод манзур намоянд;

- ҳангоми зарурат дар корхонаҳои истеҳсолкунанда ва таъмирӣ мутобиқати таҷҳизотро ба талаботи қоидаю меъёрҳои бехатарӣ санҷад ва дар ҳолати ба талаботи қоидаю меъёрҳои бехатарӣ ва хулосаҳои тасдиқшудаи лоиҳавӣ мутобиқат накарданаш, дар хусуси манъ кардан ё аз ҳисоб баровардани он таклиф пешниҳод намояд;

- чораҳои маҳдудкунанда, огоҳикунанда ва пешгирикунандаи дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо, ки барои роҳ надодан ва пешгирӣ намудани вайронкунии талаботи ҳатмии қоидаю меъёрҳои бехатарӣ аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона шудаанд, истифода барад;

- дар доираи фаъолияти муқарраргардида мақомоти мутобиқсозӣ, машваратӣ ва экспертиро (шӯроҳо, комиссияҳо, гурӯҳҳо) ташкил намояд;

- нақшаи ҷойгиршавии қисмҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳиро, ки дар иншоотҳои гидротехникӣ хизматрасонӣ менамоянд, дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдор мувофиқа намояд.

8. Шахсони мансабдори Хадамот ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ӯҳдадоранд:

- санҷишро танҳо мувофиқи қарори роҳбарияти Хадамот гузаронанд;

- нигоҳдории миқдор ва сифати ҳуҷҷатҳо, намунаҳои барои омӯзиш ва дигар маводи муваққатан гирифташуда ва баргардонидани саривақтии онҳоро таъмин намоянд;

- ба субъекти хоҷагидор мавзӯъ ва моҳияти вайронкуниҳо ва камбудиҳои ошкоргардидаро фаҳмонанд, оид ба бартараф намудани онҳо чораандешӣ намоянд, ба пинҳон кардани онҳо роҳ надиҳанд;

- асоснокии амалҳои худро ҳангоми шикояти субъектҳои хоҷагидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот намоянд;

- тибқи тартиби муқарраргардида оид ба санҷишдар дафтари бақайдгирии санҷишҳо қайдҳо гузоранд.

9. Шахсони мансабдори Хадамот ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ҳуқуқ доранд:

- ҷиҳати амалӣ намудани функсия ва вазифаҳои худ аз субъекти хоҷагидор маълумоти зарурииро дархост намуда, гиранд (дар ҳолати зарурӣ бевосита бо нусхаи аслии ҳуҷҷатҳо шинос шаванд);

- дар ҳолати зарурӣ иқтибос гиранд ва ҳуҷҷатҳоро нусхабардорӣ намоянд;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар бораи қоидавайронкуниҳо санад ва протоколҳо тартиб диҳанд;

- агар азназаргузаронӣ бо санҷиш алоқаманд бошад, бино, таҷҳизот, дигар молу мулкро аз назар гузаронанд;

- агар санҷиш бо риояи талаботи технологӣ алоқаманд бошад, аз раванди технологӣ дидан намоянд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
«29» 06 с.2018

10. Шахсони мансабдори Хадамот ҳангоми гузаронидани санҷишпринсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои дар Кодекси одоби шахсони мансабдори мақомоти санҷишӣ пешбинишударо, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ мегиранд.

## III.ТАРТИБИ БАНАҚШАГИРӢ ВА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲО

11. Тартиби гузаронидани санҷишҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» муқаррар мегардад.

12. Гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ тибқи нақшаи тасдиқшудаи солонаи гузаронидани санҷишҳо амалӣ мегардад.

13. Хадамот дар мӯҳлати то 1 ноябри соли ҷорӣ нақшаи солонаи санҷишро барои соли оянда таҳия намуда, дар мувофиқа бо Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тасдиқ мекунад ва дар сомонаи расмии худ ва дар воситаҳои ахбори омма барои шиносоии субъектҳои хоҷагидор ҷойгир мекунад.

14. Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ аз тарафи мақомоти санҷишӣ дар асоси даврияти гузаронидани санҷишҳо, ки барои ҳар як гурӯҳи таваккал, бо назардошти дараҷаи таваккали ҳар як субъекти хоҷагидор, муқаррар мегардад, таҳия карда мешавад. Меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал тибқи Қоидаҳои муайян намудани меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъекти хоҷагидор, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, муайян карда мешаванд.

15. Мақомоти санҷишӣ ҳар нимсола, вобаста ба тағйир ёфтани дараҷаи таваккал ба нақшаи солонаи санҷишҳои нақшавӣ тағйирот ворид менамоянд. Тағйироти мазкур бояд бо Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ мувофиқа карда шуда, аз ҷониби роҳбари мақомоти марказии санҷишӣ тасдиқ гарданд ва дар сомонаи расмии мақоми санҷишӣ ва воситаҳои ахбори омма барои шиносоии субъектҳои хоҷагидор ҷойгир карда шаванд.

16. Назорати риояи нақшаи гузаронидани санҷиш ба роҳбари мақомоти санҷишӣ вогузор карда мешавад.

17. Шахсони мансабдори мақомоти санҷишӣ ба субъекти хоҷагидори навтаъсис, ба истиснои субъектҳои хоҷагидори дараҷаи таваккалнокиашон баланд, дар ду соли аввали фаъолияти онҳо танҳо барои додани машварат ва ёрии методӣ оид ба мавзӯи санҷиш ташриф меоранд.

18. Шикояти субъекти хоҷагидор оид ба натиҷаи санҷиш бояд моҳияти масъалаҳои шикоят ва талаб намудани гузаронидани санҷиши иловагиро пешбинӣ намояд.

19. Қарори роҳбари мақоми санҷишӣ дар бораи гузаронидани санҷиши иловагӣ, ки ба муроҷиати субъекти хоҷагидор асос ёфтааст, бояд дар давоми 3 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ворид шудани муроҷиат қабул карда шавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
«29» 06 с.2018

20. Санҷишҳоаз ҷониби мақомоти санҷишӣ дар асоси қарор дар бораи гузаронидани санҷишсурат мегирад. Қарор дар бораи гузаронидани санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор аз тарафи роҳбари мақоми санҷишӣ қабул ва ба имзо расонида мешавад.

21. Ҳангоми қабули қарор дар бораи гузаронидани санҷишроҳбари мақомоти санҷиш бояд ба инобат гирад, ки шахси мансабдори барои гузаронидани санҷиштаъингардида:

- бо роҳбарияти субъекти хоҷагидор ва ё намояндаи он робитаҳои хешутаборӣ надошта бошад;

- дигар холатхое, ки метавонанд бевосита ё ба восита ба манфиатдории натиҷаи санҷиш сабаб шаванд, ҷой надоранд.

22. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматии шахси мансабдори мақомоти санҷишӣ ба шиноскунии ҳатмии субъекти хоҷагидор бо қарори қабулгардида оид ба гузаронидани санҷишва ворид намудани қоидаҳо дар бораи санҷишба дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби шахси мансабдор бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

23. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор дар давоми даврае амалӣ мегардад, ки дар қарор ва огоҳинома оид ба гузаронидани санҷишнишон дода шудааст.

24. Баъди ба анҷом расидани мӯҳлати гузаронидани санҷиш, ки дар қарори мақомоти санҷишӣ дар бораи гузаронидани санҷишзикр гардидааст, субъекти хоҷагидор ҳуқуқ дорад шахсони мансабдори мақомоти санҷиширо ба объекти санҷишроҳ надиҳад.

25. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор қатиян тибқи номгӯи масъалаҳои назоратӣ нисбати мавзӯи санҷишинақшавӣ истифодашаванда гузаронида мешавад. Баромадан аз доираи номгӯи масъалаҳои назоратӣ ҳангоми гузаронидани санҷишинақшавӣ манъ аст.

26. Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор дар маҳалли бақайдгирии давлатӣ ё дар маҳалли фаъолияти субъекти хоҷагидор гузаронида мешавад.

27. Иштироки субъекти хоҷагидор ё намояндагони ваколатдори он дар объекти гузаронидани санҷишдар вақти оғози санҷиштаъиншуда ҳатмист.

28. Ҳангоми гузаронидани санҷишсубъекти хоҷагидор тамоми ҳуҷҷатҳои дархостнамудаи мақомоти санҷиширо марбут ба мавзӯи санҷишва мутобиқи номгӯи масъалаҳои назоратӣ пешниҳод менамояд, инчунин дастрасиро ба ҳудуд, бино, иншоот, таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёте, ки субъекти хоҷагидор дар онҳо фаъолияти худро амалӣ менамояд, таъмин мекунад.

29. Дар анҷоми санҷишсарфи назар аз натиҷаҳои он, шахси мансабдори мақомоти санҷишӣ санади санҷишро мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи Қоидаҳои мазкур, дар шакли тасдиқнамудаи мақоми санҷишӣ тартиб медиҳад.

30. Санади санҷишӣ на камтар аз ду нусха тартиб дода мешавад ва аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти санҷишӣ ки санҷиши дахлдорро гузаронидааст, имзо карда мешавад. Як нусхаи санади санҷишдар

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
«29» 06 с.2018

мақоми санҷишӣ мемонад ва нусхаи дуюм ба субъекти хоҷагидор супорида мешавад.

31. Дар ҳолати ошкор намудани таркиби ҷиноят дар фаъолияти субъекти хоҷагидор, нусхаи санади санҷишӣва мавод аз рӯи натиҷаи санҷиш ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои қабули қарор равона карда мешаванд.

32. Оид ба натиҷаҳои санҷиш, ки дар қарор оиди натиҷаҳои санҷиш инъикос ёфтаанд, субъекти хоҷагидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қоидаҳои мазкур метавонад шикоят намояд.

33. Аз рӯи натиҷаҳои санҷиш ва пас аз гузаштани муҳлати шикоят, дар ҳолати мавҷудияти ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида дар фаъолияти субъекти хоҷагидор, мақоми санҷишӣ чораҳои маъмурӣ меандешад ё маводро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд пешниҳод менамояд.

34. Қарор дар бораи муваққатан боздоштани фаъолияти субъекти хоҷагидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" аз ҷониби шахси мансабдори мақоми санҷишӣ қабул карда шуда, ба маълумоти субъекти хоҷагидор расонида мешавад.

35. Назорати давлатӣ дар иншоотҳои гидротехникии сохташаванда, таҷдидшаванда, аз фаъолият мувақаттан бозмонда ва амалкунанда амалӣ карда мешавад.

36. Ҳангоми гузаронидани назорат қисмҳои зерини ИГТ тафтиш карда мешаванд:

- иншоотҳои обгузарони ҳавзҳои таҳшинии электролизи металлҳо (хвосто-шламохранилища), обанборҳо, резишгоҳи гидравликӣ, захирагоҳҳои обҳои ҷоришаванда ва ҳавзҳои таъиноти гуногун, ки дар мувозинаи корхонаҳо мебошанд (сарбанд ва саддҳои хокӣ, хокрез, шусташуда, оҳану бетонӣ ва дигар сарбандҳои бо таҷҳизотҳо муҷаҳҳазшуда);
- иншоотҳои обпарто, обгиранда ва обсардиҳандаи таъиноти гуногун ва таҷҳизотҳои дар онҳо насбшуда;
- иншоотҳои обгузарон ( каналҳо, новаҳо, ҷуйборҳои кухӣ, накбҳо ва дигар маҷроҳои сунъӣ);
- иншоотҳои танзимкунанда ва батартибдароранда барои ба танзим даровардани маҷрои дарёҳо бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди ҷоришавии онҳо ва барҳам додани амалҳои вайронкунанда дар соҳилҳо ва таги иншооти обгузар, ҳифзи мавзеи аҳолинишин, корхонаҳо, заминҳои корам аз зериобмонӣ таъин шудаанд;
- дар ҳолати зарурӣ маҷмӯи иншоотҳои муоинашаванда аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ муайян карда мешаванд.

## IV. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ.

37. Иншоотҳои гидротехникии сохташаванда, таҷдидшаванда, амалкунанда ва муваққатан хобонидашудаи корхонаҳо таҳти назорати

НАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
«29» 06 с.2018

давлатӣ ва инчунин назорати муаллифӣ ва назорати техникӣ гирифта мешаванд.

Мақомоти назорати давлатӣ назорати пешакии иншоотҳои гидротехникии сохташаванда ва таҷдидшавандаро амалӣ менамояд.

Ҳангоми амалӣ намудани назорати пешакии иншоотҳои гидротехникии сохташаванда ва таҷдидшаванда:

- андозаҳои лоиҳавӣ ва воқеъии сарбандҳо, саддҳо, шабакаи обтаъминкунии гардишхуранда, иншоотҳои муҳофизатӣ ва ғ.;

- мувофиқатии масолеҳи истифодашаванда, тартиб ва технологияи сохтмон тибқи қарорҳои лоиҳавӣ, тартиби муқарраршудаи санҷиши сифати корҳо муқоиса карда мешаванд.

38. Ҳангоми гузаронидани муоинаи ИГТ ҳолати техникии дастгоҳҳои ченкунӣ – назоратии дар сарбанд ё садд муҷаҳҳазшуда ва шабакаҳои чоҳҳои пезометрӣ санҷида мешаванд.

39. Муоинаи ИГТ давра ба давра гузаронида мешавад, лекин на камтар аз як бор дар як сол тибқи ҷадвали тасдиқшуда.

40. Зарурияти зиёдтар гузаронидани муоинаҳо вобаста аз таъинот, мураккабӣ, ҳолати техникӣ ва шароити истифодабарии ИГТ (гузаронидани мавсими обхезии гоҳ-гоҳ такроршавандава заминҷунбии сахт) муайян карда мешавад.

41. Гузаронидани муоинаи ИГТ дар ҳузури роҳбари техникии корхона ё намояндаи таъиншудаи он ва шахсони масъул оиди истифодабарии иншоотҳо амалӣ карда мешавад.

42. Иншоотҳои гуруҳбандиашон I, II, III на камтар аз як бор дар се сол бояд аз муоинаи комиссия бо иштироки намояндагони пажуҳишгоҳи лоиҳакашӣ ва ташкилотҳои илмӣ –тадқиқотии махсускунонидашуда гузаранд.

43. Зарурияти муоина намудан аз тарафи  комиссияроХадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ муайян менамояд.

44. Дар раванди муоинаи ҳолати истифодабарӣ ва ҳолати техникии ИГТ маводҳои зерин омӯхта мешаванд:

- тадқиқотҳои муҳандисӣ (топографӣ, геологӣ, гидрогеологӣ ва гидрологӣ);

- лоиҳаҳои ИГТ, ҳуҷҷатҳои корӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои ҷойгиршавии дастгоҳҳои ченкунӣ–назоратӣ (ДЧН);

- қоидаҳо ва дастурамалҳои дохилӣ оид ба истифодабарии ИГТ;

- шаҳодатномаҳои техникии ИГТ;

- ҳуҷҷатҳои иҷроишии тартибдодашуда дар рафти иҷро намудани корҳои сохтмонию васлкунӣ оиди бардоштани иншоотҳо (нақшаҳо, реҷаҳо, санадҳои корҳои ниҳоӣ, дафтарҳои кории истеҳсолот, дафтари назоратҳои муаллифӣ);

- санадҳои иҷроишии қабули корҳо оиди шинонидани реперҳо, маркаҳо, пезометрҳо бо маводҳои дахлдор (нақшаҳои иҷроишӣ, шаҳодатномаҳои пезометрҳо ва ғ.);

- санадҳои қабули иншоотҳо аз ҷониби комиссияҳои корӣ ва давлатӣ;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
«29» 06 с.2018

- рӯйхати корҳои мондашуда ҳангоми қабули баистифодадиҳии иншоотҳо ва санадҳо оиди бартараф намудани онҳо;

- маводҳои муоинаҳои қаблии нақшавӣ ва махсус, ҳисоботи техникӣ оиди муоинаи ҳолати иншоотҳо ва қисмҳои он;

- нақшаи чорабиниҳои зиддисадамавӣ, чорабиниҳо оиди гузаронидани обхезиҳо, омода намудани ИГТ ба ҳолати корӣ дар шароити зимистон ва маълумот дар бораи амалӣ намудани чунин нақшаҳо;

- санадҳои санҷишии қаблан ба корхонаҳо аз ҷониби мақомоти назорати давлатӣдодашуда, санадҳои муоинаҳои комиссионӣ, хулосаҳои экспертӣ ва дигар маводҳо.

45. Ҳангоми омӯзиши маводҳо дар банди 15 омада:

- аз рӯи лоиҳа дуруст муқаррар намудани гурӯҳбандии иншоотҳо тибқи талаботҳои меъёрҳои амалкунанда ва мувофиқатии ҳолати воқеъии иншоотҳо бо ин талаботҳо (банди мазкур аз ҷониби комиссия санҷида мешавад);

- мувофиқатии ҳолати воқеъии ИГТ ва параметрҳои истифодабарии ИГТ бо лоиҳа;

- маҷмуъ ва басандагии чорабиниҳои дар лоиҳа пешбинишуда оиди истифодабарии бехатаронаи ИГТ;

46. Ҳангоми шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои иҷроишӣ, ба мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандае, ки бо лоиҳа мувофиқат мекунанд, аҳамияти махсус додан лозим аст:

- таркиби хокҳои асоси иншоотҳо;

- хусусиятҳои физикию-механикии хокҳо, ки дар бадани иншоотҳои обтамбавӣ хобонида шудааст;

- арматурбандӣ, сифати бетон ва маҳлули конструксияҳои таҳаммулбор, таҷҳизотҳои захкашӣ ва зиддиполоишии пушида.

47. Ҳангоми дида баромадани нақшаҳои гузаронидани обхезиҳо ва нақшаи бартарафсозии садамаҳои эҳтимолӣ, мавҷуд будани системаи хабардоркунии аниқ ва тезамалкунанда, ҳуҷҷатҳо дар бораи гузаронидани машқҳо оид ба бартарафсозии садамаро санҷидан зарур аст.

48.Мавҷуд будани нақшаи пешрафти корҳои кӯҳканӣ, мувофиқакунонӣ ва мувофиқатии он бо маълумотҳои аслӣ.

49. Ҳангоми муоина иҷроиши корҳои даркории коргарони корхонаи истифодабаранда оид ба:

- таъмин намудани тартиби муқарраршудаи пуркунии анбори партовҳои моеъ ва таҳшинҳои электролизи металлдошта, обанбор, тартиби кории иншоотҳои обпарто;

- таъмини дурусти нигаҳдорӣ ва кори мӯътадили иншоотҳо ва таҷҳизотҳои дар онҳо насбшуда;

- гузаронидани муоинаҳои мунтазами визуалӣ аз ҳолати иншоотҳо ватаҷҳизоти дар онҳо насбшуда;

- иҷро намудани андозагириҳо ва ченкуниҳои даврӣ бо истифодаи асбобҳо;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
"29" 06 с.2018

- иҷро намудани маҷмӯи қоидаҳо ва дастурамалҳои маҳаллӣ оиди истифодабарии иншоотҳо;

- тартиб додани маводҳо (дафтарҳо) оид ба мушоҳидаҳои визуалӣ ва асбобӣ;

- нигоҳдории маводҳои лоиҳавӣ – тадқиқотӣ, инчунин маводҳои мушоҳидаҳои мунтазами бинойӣ ва асбобии такрорӣ доир ба ИГТ;

- коркард ва таҳлил намудани маълумотҳои мавҷудбуда, батартибдарорӣ ва ҷамъбаст намудани маводҳои мушоҳидавӣ;

- саривақт ошкор ва бартараф намудани вайроншавиҳо;

- таҳия ва татбиқ намудани нақшаҳои таъмири ҷорӣ ва асосии иншоотҳо;

- муайян намудани зарурати ба роҳ мондани мушоҳидаҳо ва тадқиқотҳои махсус оид ба ҳолати иншоотҳо;

- мавҷуд будани маълумоти кофии роҳбарони масъул бо ҳуқуқи пеш бурдани кор вобаста ба истифодабарии ИГТ, саривақт гузаштани онҳо аз санҷиши дониши қоидаҳои бехатарӣ;

## V. САНҶИШИ МУОИНАИ ТЕХНИКИИ ИГТ

Ҳангоми муоинаи иншоотҳои гидротехникӣ аз санҷиш гузаронида мешаванд:

50. Санҷиши муҷаҳҳаз будани ИГТ бо маводҳои санҷишӣ.

Санҷида мешаванд:

- мувофиқатии муҷаҳҳаз будани иншоотҳои гидротехникӣ бо дастгоҳҳои ченкунӣ – назоратӣ тибқи талаботи лоиҳа, саривақт шинонидани онҳо, нигоҳдорӣ ва коршоямии онҳо, кофӣ будани ДЧН-и мавҷудбуда;

- мавҷудият ва боэътимодии кори воситаҳо ва системаи автоматикунонидашудаи санҷишӣ оид ба ҷамъ намудан ва коркарди натиҷаи ченкуниҳо.

51. Санҷиши ташкил намудани назорат аз болои ИГТ.

Санҷида мешаванд:

- сохти истеҳсолии қитъаҳои нерӯгоҳ (қитъаҳои сохтмонии корхона), ки назорати иншоотҳои гидротехникӣ ва таҷҳизотҳои механикии онро амалӣ менамоянд;

- иҷро намудани дастурамалҳо ва нишондодҳои методӣ дар қисмати ҳаҷм ва мухлатҳои гузаронидани чорабиниҳо оид ба назорати иншоотҳои гидротехникӣ ва қисмҳои алоҳидаи он.

52. Санҷиши ҳолати иншоотҳои гидротехникӣ.

Санҷида мешаванд:

-мувофиқатии нишондодҳои воқеъии геотехникӣ, гидрологӣ ва хоҷагии оби нерӯгоҳ бо нишондодҳои дар лоиҳа қабулшуда;

- кофӣ будани қобилияти обгузаронии иншоотҳои обгузарон дар имтидоди нерӯгоҳ;

- кофӣ будани баландии теғаи болои иншоот нисбати сатҳи муътадили тамбавӣ;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
"29" 06 с.2018

- мувофиқатии арзиши воқеъии нишондодҳои асосии ҳолат ва кори иншоотҳои гидротехникӣ бо арзиши комилан имконпазир ё арзиши ҳисобишудаи муқарраршуда;

Эзоҳ: ба нишондиҳандаҳои асосии ҳолат ва кори иншоотҳои гидротехникӣ – пастнишинӣ, кучиши уфуқӣ, фишор, дигаргуншавӣ, ҳолати полоишӣ дохил мешаванд.

- тағйирёбии пурқувватӣ ва устувории иншоотҳои гидротехникӣ ва қисмҳои алоҳидаи он;

- мавҷуд будани вайроншавиҳо ва норасоиҳои конструктивӣ дар иншоотҳои гидротехникӣ;

- ҳолати ҷойҳои пайвастшавии иншоотҳои гидротехникӣ;

- коршоямӣ ва ҳолати таҷҳизоти механикӣ ва конструксияҳои махсуси оҳанини иншоотҳои гидротехникӣ;

- мувофиқатии воситаҳои зиддисадамавӣ ва автоматикӣ дар иншоотҳои гидротехникӣ насбшуда бо меъёрҳои амалкунанда ва талаботҳои техникӣ;

- ҳолати соҳилҳои обанбор дар минтақаҳои муҳими НБО.

53. Санҷиши иҷроиши чорабиниҳо оид ба таъмир ва таҷдиди иншоотҳои гидротехникӣ.

Санҷида мешаванд:

- кофӣ будани ҳаҷми кори ба нақша гирифташуда ва иҷроиши саривақтии таъмир ва таҷдиди иншоотҳои гидротехникӣ ва қисмҳои алоҳидаи он;

- ташкил намудани хизматрасонии техникӣ ва таъмири иншоотҳои гидротехникӣ;

- самаранокии қабул намудани қарорҳои технологӣ ва маводҳо барои таъмир.

54. Санҷиши ҳуҷҷатҳои техникӣ

Мавҷуд будани ҳуҷҷатҳо ва тартиби ҳуҷҷатгузории техникӣ, ки тибқи Қоидаҳои истифодабарии техникии нерӯгоҳҳои барқӣ муайян шудаанд ва мутобиқ ба иншоотҳои гидротехникӣ мебошанд, санҷида мешавад.

Аз санҷиш гузаронида мешаванд:

- санади интихоби қитъаи замин;

- санадҳои қабули корҳои пушонидашаванда дар иншоотҳо ва қисмҳои он, аз ҷумла дастгоҳҳои ченкунӣ-назоратии шинонидашуда;

- санадҳои қабули комиссияи корӣ ва давлатӣ;

- ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи лоиҳавӣ (нақшаҳо, тавзеҳномаҳо ва ғ.) бо ҳамаи тағйиру иловаҳо, инчунин лоиҳаи мушоҳидаҳои натуралӣ ва тадқиқотҳо;

- шаҳодатномаҳои техникии иншоотҳои гидротехникӣ;

- нақшаҳои иҷроишӣ, аз ҷумла оиди ҷойгиршавии дастгоҳҳои ченкунӣ-назоратӣ;

- дафтари назорати муаллифии давраи сохтмон;

-қоидаи истифодабарии обанбор;

- дастурамали истифодабарии иншоотҳои гидротехникӣ ва

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
«29» 06 с.2018

таҷҳизоти механикии он;

- дафтари мушоҳидаҳои асбобӣ ва визуалӣ оиди иншоотҳои гидротехникӣ ва қисмҳои алоҳидаи он;

- маводҳои кор кардашуда ва таҳлили маълумотҳои мушоҳидаҳо оиди иншоотҳои гидротехникӣ;

- санадҳои комиссияҳои махсус оиди муоинаи иншоотҳои гидротехникӣ ва қисмҳои он, маводҳои ҳисоботӣ дар бораи тадқиқотҳои натуралӣ, озмоишҳо ва корҳои танзимкунии гузаронидашуда бо ҷалби корхонаҳо;

